# ТАҚРИЗ

ба автореферати Орифов Орзу Обидхуҷаевич бо унвони “Хусусиятҳои педагогии рафъи мушкилоти омӯзиши забони англисӣ дар ташаккули салоҳиятмандии нуткии донишҷӯёни мактабҳои олӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04-Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ).

Монеа ва мушкилӣ дар таълими забони англисӣ ин аст, ки донишҷӯ аввал ба забони тоҷикӣ фикр мекунад ва танҳо баъд калимаҳоро ба забони англисӣ тарҷума мекунад, сипас бо қоидаҳои грамматикӣ розӣ мешавад ва танҳо баъд қарор ва ҳукми худашро талаффуз мекунад. Барои як одами оддӣ ин хеле душвор аст. Аз ин рӯ, ин ҷо пешниҳодкарда мешавад, ки кӯшиш бояд карда шавад, ки фавран бо забони англисӣ фикр кунед ва гап занед. Ин аст, ки аллакай муҳассилин ба забони модарии худ гап заданро ёд мегиранд, гӯё ин забонро дар худ аз худ мекунанд. Ва дар хотир бояд дошт, ки онҳо то ҳол ягон қоидаҳои грамматикиро намедонанд. Назарияҳоро хеле дертар дарк мекунанд. Ин метавонад барои инсон роҳи хеле аҷиб ба назар расад, аммо усулҳои таълиму омӯзиши забони англисӣ вуҷуд доранд ва илова бар ин, маъмуланд.

Қоидаи грамматикиро омӯхта, дар нутқ мисолҳои дарёфти онро дида бароем, мо чун одат аз ин мисолхо истифода мебарем, на худи коидаи грамматикиро. Дар хотир бояд дошт, ки омӯзиши муассир ва муваффақона маҳз аз донишҳои амалӣ, лабораторӣ оғоз мешавад, на назариявӣ.

Асоснок кардани моҳият, мазмун ва сохтори раванди мушаххаси педагогии рафъи душвориҳои таълим, муайян намудани роҳҳои

педагогии рафъи мушкилоти таълимӣ дар байни донишҷӯён ва баланд бардоштани салоҳиятнокии нутқии донишҷӯён ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошад.

Тавре аз автореферати диссертатсия маълум мегардад, рисолаи диссертатсионӣ дорои аҳамияти арзишманди илмию амалӣ буда дар он аҳамияти илмӣ-амалӣ доштанаш асоснок карда шуда, аз лиҳоз озмоишӣ санҷидашуда аст. Масъалаҳои таҳқикшуда дар раванди таълими забони англисӣ калидӣ буда, ҳалли он ҳам барои омӯзгор ва ҳам барои донишҷӯён барои расидан ба ҳадафи омӯзиши забони англисӣ кумак менамояд. Ҳамзамон, муаллиф дар таҳқиқоташ масъалаи истифодаи технологияҳои информатсионӣ-коммуникатсиониро дида баромадааст, ки ҷаҳони имрӯзаро бе истифодаи онҳо ҳатто тасаввур кардан мушкил аст. Барои ҳалли мушкилоти таълим муаллиф ба ғайр аз осори олимон китобҳои дарсии мактаби олӣ ва барномаҳои таълимиро таҳлил кардааст, ки ин мувофиқи мақсад аст.

Аз таҳлили автореферати диссертатсия ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки рисолаи таҳқиқотии Орифов Орзу Обидхуҷаевич дар мавзуи “Хусусиятҳои педагогии рафъи мушкилоти омӯзиши забони англисӣ дар ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯёни мактабҳои олӣ» таҳқиқоти илмии ба анҷомрасида буда, аз ҷиҳати назарявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ барои соҳаи забоншиносӣ ва ҳам соҳаи педагогика, махсусан бдар соҳаи методикаи таълим кори илмӣ таҳқиқотии арзишманд ба ҳисоб меравад. Натиҷаву дастовардҳои илмии он метавонад барои корҳои илмии дигар дар соҳаи методикаи таълим дастуру роҳнами муфиде бошад.

Автореферати диссертатсия, моногафиву мақолаҳои чопнамудаи унвонҷӯ мазмуни кори илмӣ-таҳқиқотиро пурра инъикос менамояд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ кори илмии баанҷомрасида буда, ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Орифов Орзу Обидхуҷаевич сазовори унвони номзади илми педагогика аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04-Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мебошад

**Муқарриз:**
Доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи
умумидонишгоҳии забони
англисии ДМТ Саидзода Ҳалим Азиз

Имзои Саидзода Ҳалим Азизро тасдиқ менамоям
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ: Тавқиев Э.

14-05-2024

Суроға:
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 734025, хиёбони Рӯдакӣ17
Тел: (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10
**Факс:** (+992-37) 227-15-10
e-mail: info@tnu.tj